Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Халифазода Саидаҳтам дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Такмили маъмурикунонии андозҳо бо мақсади таъмини назорати андоз ва беҳтар намудани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон дар санади муҳимми барномавӣ - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 масъалагузорӣ шуда, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии андозҳо ва таъмини шаффофият дар муносибатҳои андозӣ нигаронида шудааст.

Ҳамон тавре ки аз баррасии автореферат маълум гардид, Халифазода С. дар кори илмиаш ҷанбаҳои методологии ташаккул ва рушди низоми маъмурикунонии андозро баррасӣ карда, нақши онро дар воридоти андозҳо маълум намуда, таъсири онро ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ таҳқиқ кардааст. Ин кор ба унвонҷӯ имкон додааст, ки бо назардошти таҷрибаи такмили маъмурикунонии андоз дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ, усулҳо ва вазифаҳои асосии низоми маъмурикунонии андозро дар шароити муосир мушаххас намояд, ки дар умум ба мукаммалгардонии низоми андозбандӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаи фаъолияти мақомоти андоз ва таъмини татбиқи самаранокии имтиёзҳои андозӣ равона карда шудаанд.

Муаллиф дуруст хулоса кардааст, ки дар адабиёти иқтисодӣ масъалаи баҳои самаранокии маъмурикунонии андоз ба қадри кофӣ арзёбӣ нагардида, баррасии масъалаҳои ҳавасмандии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар муносибатҳои андозӣ ҷузъи асосии такмили маъмурикунонии он ба ҳисоб меравад, таҳқиқу омӯзиши махсусро тақозо менамояд. Умед аст, ки таҳқиқоти Халифазода С. дар ин самт холигии мазкурро пурра месозад.

Чуноне аз муҳтавои автореферат ба назар мерасад, фарзияи пешниҳоднамудаи муҳаққиқ мабнӣ ба ин, ки “дар сурати тақвият додан ва мукаммал гардидани низоми маъмурикунонии андоз, истифодаи муносибатҳои нави андозӣ, назоратҳои андозӣ ба афзоиши воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ, таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, беҳтар гардидани вазъи молиявии андозсупорандагон ва ташаккули муносибатҳои шарикона бо шаҳрвандон – андозсупорандагон ноил гардидан мумкин аст”, ба пуррагӣ тасдиқи худро ёфтааст.

Дар баробари аҳамияти калони назариявӣ, кор аз ҷанбаи муҳимми амалӣ низ холӣ нест. Кофист ёдовар шавем, ки қисман хулоса ва тавсияҳои илмӣ - амалии кори диссертатсионии Халифазода С. дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар мақомоти андози ҷумҳурӣ, ки барои ҳисоб ва пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ масъуланд, аллакай истифода карда шудаанд. Вале дар баробари дастовардҳои назаррас, автореферат баъзе камбудиҳо низ дорад, чунончи:

1. Хубтар мешуд муаллиф зимни таҳлили маълумоти оморӣ як давраи ягонаро мавриди баррасӣ қарор медод. Ҳол он ки дар баъзе ҷадвалҳо ва диаграммаҳо солҳои 2015-2021, 2013-2021 ҳамчун давраи таҳқиқ нишон дода шудаанд.

2. Муаллиф дар модели таҳиякардааш хулоса кардааст, ки ҳангоми зиёд шудани маблағи имтиёзҳои андозӣ, воридоти умумии андоз ба коҳиш меёбад. Агар, муаллиф самаранокии имтиёзҳои додашударо бо мисолҳо таҳлил карда мебаромад, арзиши кор боз ҳам баландтар мегардид.

Эродҳои мазкур хислати тавсиявӣ дошта, ҳаргиз арзиши баланди илмии корро кам намекунанд. Сохтори автореферат ва интишороти довталаб ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ буда, тарҷумаи русии матни он бо матни асл мувофиқат мекунад. Кор бо забони фасеҳи тоҷикӣ нависташуда, хазинаи адабиёти илмиро ба забони давлатӣ ғанӣ мегардонад.

Дар умум, бояд чунин хулоса кард, ки автореферати Халифазода С. дар мавзуи «Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Халифазода Саидаҳтам барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи “Молия”-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ___________Холназаров М. Ҳ.

Имзои Холназаров М. Ҳ.тасдиқ менамоя:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус:___________ Шукурзод Ҷ. А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон
735140____________________
Телефон: 93-511-77-37
E-Mail: Kholnazarov8282@mail.ru